«ТАСДИҚ ШУДААСТ»
Бо фармони Директори ҶДММ Ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс»
аз «15» 06 с. 2022, № 45/22
__________ Раҳмонов Б.Р.

# ҚОИДАИ
# СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНИЮ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN

**Мундарича**

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ........................................................................ 3
2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ........................................................................3
3. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА ........................................................................ 5
4. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА ........................................................................ 6
5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ ........................................................................ 6
6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ........................................................................ 6
7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ ................ 7
8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ ВА ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ ................................ 8
9. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА ........................................................................ 9
10. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО ............................................ 12
11. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР ............................ 15
12. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ) ............................................ 16
13. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ) ........................................................................ 17
14. ҲУҚУҚИ ТАЛАБИ МУТАҚОБИЛА (РЕГРЕСС) НИСБАТ БА ШАХСЕ, КИ ЗАРАР РАСОНДААСТ ........................................................ 18
15. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО ........................................................ 19

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт тибқи талаботи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт", таҳия гардидааст. Намуди хизматрасонии мазкур дар асоси ҳамин Қоида ва шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт, ки байни суғуртакунанда ва суғурташаванда баста шудааст, амалӣ карда мешавад.

1.2. Мувофиқи шартҳои Қоидаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт (минбаъд – Қоида), тартиби баҳисобгирии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) муайян ва пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) дар ҳолати рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои ҳолатҳои расонидани зарари моддӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ муайян карда мешавад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2.1. Дар Қоидаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

- **суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт** - намуди суғуртаи ҳатмие, ки ба андозаи қисман ё пурра пардохт намудани ҷуброни суғуртавиро (пардохти суғуртавиро) барои зараре, ки ба манфиатҳои молумулкии шахс вобаста ба уҳдадориҳои ӯ оид ба ҷуброни зарари ба шахсони сеюм, бинобар аз ҷониби ӯ истифода бурдани воситаи нақлиёт, аз ҷумла ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии интиқолдиҳанда расонда шудааст, пешбинӣ менамояд;
- **воситаи нақлиёт** - воситаи нақлиёти механикӣ, аз ҷумла автомобилҳои сабукрав, микроавтобусҳо, автобусҳо, троллейбусҳо, автомобилҳои боркаш, тракторҳо, мототсиклҳо, мошину олоти худгарди дигар;
- **соҳиби воситаи нақлиёт** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки соҳиби воситаи нақлиёт бо ҳуқуқи моликият мебошад, инчунин шахсе, ки ба ӯ воситаи нақлиёт муваққатан барои соҳибӣ ва истифода дода шудааст;
- **ронанда** - шахсе, ки воситаи нақлиётро идора менамояд ё аз тарафи соҳиби воситаи нақлиёт барои идора кардани он дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст. Ҳангоми

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

омӯхтани идоракунии воситаи нақлиёт шахси таълимдиҳанда ронанда маҳсуб меёбад;

- **суғуртакунанда (ташкилоти суғуртавӣ)** – ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс", ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ амалӣ менамояд;
- **суғурташаванда** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо суғуртакунанда шартномаи суғуртаро бастааст;
- **фоидагиранда** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки аз ҷониби суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртавӣ таъйин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;
- **ҷабрдида** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ӯ аз ҷониби шахси дигар дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт ҳангоми истифодабарии воситаи нақлиёт зарар расонида шудааст;
- **шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт**-шартномае, ки тибқи он суғурташаванда уҳдадор аст мукофоти суғуртавиро (ҳақи суғуртавиро) мутобиқи шартнома пардохт намояд ва суғуртакунанда (ташкилоти суғуртавӣ) уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, пардохти суғуртавиро анҷом диҳад;
- **ҳодисаи суғуртавӣ** - воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонунгузорӣ ва шартномаи суғурта уҳдадор аст пардохти суғуртавиро (ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;
- **ҳодисаи роҳу нақлиёт** - ҳодисае, ки дар раванди истифодабарии воситаи нақлиёт ва бо иштироки он, инчунин ҳаракати қисмҳои аз воситаи нақлиёт ҷудошуда ва бори дар он буда рух додааст, ки дар натиҷаи он ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ҷабрдида зарар расонида шудааст;
- **мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** - маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ бо тартиб ва дар мухлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;
- **маблағи суғуртавӣ** - маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**- пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ)** - маблағи пулие, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба суғурташаванда (фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда мепардозад;

**- полиси суғуртавӣ** - ҳуҷҷате, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти суғуртавӣ тасдиқ менамояд;

**- мақоми (ташкилоти) дахлдор** - мақом ё ташкилоте, ки ҳуқуқи гузарондани арзёбии андозаи зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки ҷабрдида расондашударо дошта, дар ин асос хулоса медиҳад.

## 3. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Ба Субъектони суғурта мансубанд:

- **суғуртакунанда (ташкилоти суғуртавӣ)** - ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс", ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ амалӣ менамояд;

- **суғурташаванда** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо суғуртакунанда шартномаи суғурта бастааст. Намояндаи суғурташаванда (ҷабрдида, меросгиранда) – шахсе, ки тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда барои аз номи суғурташаванда, ҷабрдида ё меросгиранда анҷом додани амалҳои муайн ваколатдор шудааст;

- **соҳиби воситаи нақлиёт** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки соҳиби воситаи нақлиёт бо ҳуқуқи моликият мебошад, инчунин шахсе, ки ба ӯ воситаи нақлиёт муваққатан барои соҳибӣ ва истифода дода шудааст;

- **ронанда** - шахсе, ки воситаи нақлиётро идора менамояд ё аз тарафи соҳиби воситаи нақлиёт барои идора кардани он дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст. Ҳангоми омӯхтани идоракунии воситаи нақлиёт шахси таълимдиҳанда ронанда маҳсуб меёбад;

- **фоидагиранда** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки аз ҷониби суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртавӣ таъйин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

- **ҷабрдида** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ӯ аз ҷониби шахси дигар дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт ҳангоми истифодабарии воситаи нақлиёт зарар расонида шудааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 4. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

4.1. Объектҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт манфиатҳои соҳибони воситаҳои нақлиёт вобаста ба уҳдадории онҳо оид ба ҷуброни зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ҷабрдида расондашуда мебошанд, ки дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт ҳангоми истифодабарии воситаҳои нақлиёт ба вуқӯъ омадаанд.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Зери мафҳуми ҳодисаи суғуртавӣ рӯйдоди дар давраи эътибори Шартномаи мазкур ба амал омада, ки бо рух додани он уҳдадории Суғуртакунанда барои пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба вуҷуд меояд, фаҳмида мешавад.

5.2. Ба вуҷуд омадани ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳиби воситаи нақлиёт барои расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки шахсони сеюм ҳангоми истифодабарии воситаи нақлиёт, ки дар натиҷа тибқи шартномаи суғуртаи ҳатмӣ суғуртакунандаро ҷиҳати ҷуброни зарар уҳдадор месозад, ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда мешавад.

5.3. Уҳдадориҳои Суғурташаванда ҷиҳати ҷуброни зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки шахсони сеюм расонидашуда дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ ҳангоми идораи воситаи нақлиёт аз ҷониби Суғурташаванда, бояд мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди даъвоҳои асоснокбуда ифода шаванд ва бо ҳуҷҷатҳои мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, ки ба вуҷудоии уҳдадории Суғурташавандаро исбот менамоянд, тасдиқ карда шаванд.

5.4. Инчунин зарарҳои ба шахсони сеюм расонида шуда, ки дар натиҷаи ҳаракати қисмҳои аз воситаи нақлиёт ҷудошуда ва бори дар он буда рух додааст, ҳодисаи суғуртавӣ хисобида мешавад.

5.5. Якчанд зарарҳое, ки дар натиҷаи як ҳолат ба вуҷуд омадаанд, ҳамчун як ҳодисаи суғуртавӣ ҳисобида мешавад.

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Ба вуҷуд омадани уҳдадории Суғурташаванда дар назди шахсони сеюми зарардида барои ҷуброн намудани зарари молу мулкӣ ё ҷисмонии расонидашуда, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои нохуш ҳангоми истифодабарии воситаи нақлиёт ба вуқӯъ омадааст, хавфи суғуртавӣ дониста мешавад.

6.2. Ба сабабҳои асосии эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ ҳамаи ҳодисаҳое, ки дар ҳолати ҳаракати воситаи нақлиёт, дар роҳ ба

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

амал меояд, (аз ҷумла монеаҳои ногаҳонӣ аз тарафи шаҳрвандон ва ҳайвонҳо) дохил мешаванд.

6.3. Ҳолатҳои ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои Суғурташаванда дар назди шахсони сеюм оид ба ҷуброни зарари молу мулкӣ ё ҷисмонӣ ҳангоми идораи воситаи нақлиёт бояд характери ногаҳонӣ дошта, натиҷаи амал ё беамалии барқасдона набошад.

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағ ва пардохти суғуртавӣ тибқи талаботи боби 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт", аз рӯи андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шудааст.

7.2. Ҳангоми расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт, ки боиси марг гардидааст, андозаи пардохти суғуртавӣ 545 (панҷсаду чилу панҷ) нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад.

7.3. Ҳангоми гирифтани маъюбӣ дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт тибқи маълумотномаи мақоми ваколатдори давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ пардохти суғуртавии якдафъаина маблағи зеринро ташкил медиҳад:

-маъюби гурӯҳи I – 380 (сесаду ҳаштод) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

-маъюби гурӯҳи II – 300 (сесад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

-маъюби гурӯҳи III – 220 (дусаду бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

7.4. Ҳангоми расондани зарар ба молу мулки ҷабрдида, маблағи суғуртавӣ то 273 (дусаду ҳафтоду се) нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад.

7.5. Ҳаҷми ниҳоии масъулияти суғуртакунанда аз рӯи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ба андозаи 818 (ҳаштсаду ҳаждаҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар шудааст.

7.6. Пардохти суғуртавии якдафъаина ҳангоми расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида суғуртакунандаро аз талофии ҷуброни суғуртавӣ барои расондани зарар ба молу мулки ҷабрдида озод намекунад.

7.7. Пардохти суғуртавии якдафъаина барои зарар ба ҳаёт ва саломатӣ ва ҷуброни суғуртавӣ барои расондани зарар ба молу мулк дар доираи ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавӣ амалӣ карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ ВА ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Тарифи суғуртавӣ вобаста ба категорияи нақлиёт тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт" анҷом дода мешавад.

8.2. Андозаи мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи меъёри нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар рӯзи бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт муайян карда шуда, барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба намуди воситаҳои нақлиёт бо тартиби зерин муқаррар карда мешавад:

- автомобилҳои сабукрав ва микроавтобусҳо ба андозаи 2 (ду) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- автобусҳо ва троллейбусҳо ба андозаи 3 (се) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- автомобилҳои боркаш ба андозаи 3 (се) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- тракторҳо, мошину олоти худгарди дигар ба андозаи 2 (ду) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- мототсиклҳо ба андозаи 1 (як) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

8.3. Пардохти ҳаққи суғуртавӣ ба тартиби зерин амалӣ мешавад:

- нақдӣ;
- ғайринақдӣ.

8.4. Ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт - иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди давлатҳои дигар, шахсоне, ки бар асари фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд, инчунин маъюбони гурӯҳҳои I ва II мукофоти суғуртавиро ба андозаи панҷоҳ фоизи маблағи мукофоти суғуртавии муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур пардохт менамоянд.

8.5. Имтиёз барои кам кардани андозаи мукофоти суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт танҳо барои як адад воситаи нақлиёте, ки ба худи суғурташаванда тибқи банди 8.4. Қоидаи мазкур тааллуқ дорад, пешниҳод гардида, дар ин хусус дар полиси суғуртавӣ қайди дахлдор гузошта мешавад.

8.6. Соҳибони воситаҳои нақлиёт, ки дар давоми идоракунии бефосилаи воситаҳои нақлиёт Қоидаи ҳаракат дар роҳро вайрон накардаанд, бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда аз мақоми ваколатдор дорои имтиёзҳои зерин мебошанд:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION DEPARTMENT

- ҳангоми бе ҳодисаи роҳу нақлиёт идора кардани воситаи нақлиёт аз 5 то 10 сол пардохти мукофоти суғуртавӣ ба андозаи 5% кам карда мешавад;

-ҳангоми бе ҳодисаи роҳу нақлиёт идора кардани воситаи нақлиёт аз 10 то 15 сол пардохти мукофоти суғуртавӣ ба андозаи 10% кам карда мешавад;

-ҳангоми бе ҳодисаи роҳу нақлиёт идора кардани воситаи нақлиёт аз 15 то 20 сол пардохти мукофоти суғуртавӣ ба андозаи 15% кам карда мешавад;

-ҳангоми бе ҳодисаи роҳу нақлиёт идора кардани воситаи нақлиёт зиёда аз 20 сол пардохти мукофоти суғуртавӣ ба андозаи 20% кам карда мешавад.

8.7. Пардохти мукофоти суғуртавӣ аз рӯи шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт аз тарафи суғурташаванда дар шакли пардохти яквақтаина амалӣ карда мешавад, агар дар шартномаи мазкур тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

## 9.ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

9.1. Шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт амалисозии пардохти суғуртавиро аз рӯи ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ҷабрдида бармеоянд, пешбинӣ менамояд.

9.2. Шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт шартномаи оммавӣ буда, суғуртакунанда ҳуқуқ надорад хоҳиши суғурташавандаро оид ба бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт рад намояд.

9.3. Мутобиқи моддаи 1026 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи суғурта метавонад бо роҳи таҳияи як ҳуҷҷат ё аз ҷониби суғуртакунанда дар асоси аризаи хаттӣ ё муроҷиати шифоҳии ӯ додани полиси суғурта (шаҳодатнома, сертификат, квитансия), ки аз ҷониби суғуртакунанда имзо шудааст ва шартҳои шартномаи суғуртаро дар бар мегирад, баста шавад.

9.4. Дар шартномаи (полиси) суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт маълумоти зерин дарҷ карда мешаванд:

- тарафҳо (суғуртакунанда ва суғурташаванда);
- воситаи нақлиёте, ки соҳиби он ҷавобгарии худро суғурта мекунад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- объекти суғурта;
- ҳолатҳое, ки ҳамчун ҳодисаҳои суғуртавӣ эътироф мешаванд;
- андозаи маблағи суғуртавӣ;
- андозаи мукофоти суғуртавӣ;
- мухлати амали шартнома;
- ҳолатҳои рафънопазир;
- ҳуқуқу уҳдадориҳои суғурткунанда ва суғурташаванда.

9.5. Ҳангоми муроҷиати хаттӣ ё шифоҳӣ оиди бастани шартномаи (полиси) суғуртавӣ суғурткунанда баъди аз тарафи суғурташаванда пардохт гардидани мукофоти суғуртавӣ ба суғурташаванда полиси суғуртавӣ медиҳад, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаи амалишавии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт мебошад.

9.6. Дар ҳолати гум кардани полиси суғуртавӣ суғурткунанда уҳдадор аст дар асоси аризаи хаттии суғурташаванда ба ӯ нусхаи полиси суғуртавиро диҳад. Пас аз додани нусхаи полиси суғуртавӣ полиси суғуртавии гумшуда беэътибор дониста шуда, аз рӯи он пардохти суғуртавӣ амалӣ карда намешавад.

9.7. Барои такроран пур кардани нусхаи полиси суғуртавӣ аз тарафи суғурташаванда ба андозаи панҷ фоизи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо пардохт карда мешавад.

9.8. Шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт бо пешниҳоди шиносномаи техникии воситаи нақлиёт ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи гузаштани воситаи нақлиёт аз муоинаи ҳатмии давлатии техникӣ баста мешавад.

9.9. Амали шартномаи (полиси) суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт аз рӯзи дигари пардохти ҳаққи суғуртавӣ оғоз меёбад, ки дар полиси суғуртавӣ дарҷ карда мешавад.

9.10. Шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, агар дар шартномаи байналмилалие, ки Тоҷикистон онро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

9.11. Шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ба мухлатҳои зерин баста мешавад:
- ҳангоми истифодабарии доимии воситаи нақлиёт - дувоздаҳ моҳ;
- ҳангоми истифодабарии мавсимии воситаи нақлиёт - на камтар аз шаш моҳ;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- дар ҳолати воридшавии транзитӣ ё муваққатии воситаи нақлиёт ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тамоми давраи муваққатан қарор доштани воситаи нақлиёт дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми понздаҳ рӯз ё камтар аз он - понздаҳ рӯзи тақвимӣ.

9.12. Амали шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

- ба итмом расидани муҳлати амали он, ки дар полиси суғуртавӣ дарҷ карда шудааст;
- аз ҷониби суғуртакунанда дар ҳаҷми пурраи маблағи суғуртавӣ амалисозии пардохти суғуртавӣ;
- ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

9.13.Шартномаи (полиси) суғуртавӣ метавонад бо хоҳиши суғурташаванда пеш аз муҳлат қатъ карда шавад, агар дар муҳлати амали он ҳодисаи суғуртавӣ рух надода бошад. Дар ин сурат суғуртакунанда ба қисми ҳаққи суғуртавӣ мутаносибан ба муҳлати амали шартнома ҳуқуқ дорад.

9.14. Инчунин шартномаи (полиси) суғуртавӣ метавонад бо хоҳиши суғурташаванда ба номи шахси дигар аз нав барасмият даровардa шавад.

9.15. Ҳангоми дар ҳаҷми пурра пардохт гардидани маблағи суғуртавӣ полиси суғуртавӣ беэътибор дониста мешавад. Дар ин ҳолат соҳиби воситаи нақлиёт (агар воситаи нақлиёт талаф наёфта бошад) ухдадор аст шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиётро ба муҳлати нав бо дилхоҳ суғуртакунандае бандад, ки ҳуқуқи амалисозии ин намуди суғуртаи ҳатмиро дорад.

9.16. Дар ҳолати воридшавии транзитӣ ё муваққатии воситаи нақлиёт ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тамоми давраи муваққатан қарор доштани воситаи нақлиёт дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми понздаҳ рӯз ё камтар аз он шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ба муҳлати понздаҳ рӯзи тақвимӣ, баста мешавад.

9.17. Бо соҳибони воситаҳои нақлиёте, ки дар давлатҳои хориҷӣ ба қайд гирифта шудаанд ва воситаҳои нақлиёт муваққатан дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд, шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт барои тамоми муҳлати истифодабарии муваққатии воситаҳои нақлиёти мазкур баста мешавад. Ҳангоми понздаҳ рӯз ва камтар аз он дар ҳудуди

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудани чунин воситаҳои нақлиёт шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ба муҳлати понздаҳ рӯзи тақвимӣ баста мешавад.

## 10.ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

10.1. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои суғурташаванда

10.1.1. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

- аз суғуртакунанда маълумот оид ба мавҷудияти иттилоот дар маҳзани маълумот доир ба шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёти худро талаб намояд;
- аз суғуртакунанда пурра фаҳмондани ҳуқуқу уҳдадориҳои худро талаб намояд;
- ҳангоми гум шудани полиси суғуртавӣ нусхаи онро аз суғуртакунанда гирад;
- аз хизматрасонии мақоми (ташкилоти) дахлдор оид ба арзёбии андозаи зарари ба молу мулки ҷабрдида расонидашуда истифода барад;
- бо натиҷаҳои арзёбии андозаи зарари расонидашуда, ки аз тарафи мақоми (ташкилоти) дахлдор гузаронда шудааст ва ҳисоби андозаи пардохти суғуртавӣ, ки аз тарафи суғуртакунанда амалӣ карда мешавад, шинос шавад;
- шартномаи (полиси) суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиётро мутобиқи муқарраротӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт" ва Қоидаи мазкур пеш аз муҳлат бекор намояд;
- шартномаи (полиси) суғуртавиро метавонад ба номи шахси дигар аз нав барасмият дарорад.
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати розӣ набудан бо қарори суғуртакунанда оид ба рад намудани амалисозии пардохти суғуртавӣ ва ё кам кардани андозаи он ба мақоми назорати суғуртавӣ ё суд муроҷиат намояд;
- ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз суғуртакунанда пардохти суғуртавиро дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт" ва Қоидаи мазкур талаб намояд.

10.1.2. Суғурташаванда уҳдадор аст:

- мукофоти суғуртавиро мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт", Қоидаи мазкур ва шартномаи суғуртаи ҳатмии

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт пардохт намояд;
- дар бораи рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт ба суғуртакунанда хабар расонад. Агар суғурташаванда бо сабабҳои узрнок имконияти иҷро намудани чунин амалро надошта бошад, бояд ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бозрасии давлатии автомобилиро пешниҳод намояд;
- ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт ба ҷабрдидагон ва кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ дар бораи суғуртакунандае, ки бо ӯ шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиётро бастааст, хабар диҳад;
- ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт оид ба пешгирӣ ё кам кардани зарари имконпазир, аз ҷумла наҷот додани молу мулк ва расондани ёрӣ ба шахсони ҷабрдида тадбирҳо андешад;
- ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт", Қоидаи мазкур ва шартномаи басташуда ба шахсони дахлдор оид ба ҳодисаи роҳу нақлиётии рухдода хабар диҳад;
- ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муоинаи тиббӣ ҷиҳати муайян кардани ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машрубот, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда гузарад.
10.1.3. Дар шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт, инчунин, метавонад ҳуқуқу уҳдадориҳои дигари суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд, пешбинӣ гарданд.
10.2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои суғуртакунанда
10.2.1.Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:
- ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт аз суғурташаванда пешниҳоди маълумотро тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт" дархост намояд;
- аз мақомот ва ташкилоти дахлдор ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва андозаи зарари ба ҷабрдидагон расондашударо дархост намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- аз хизматрасониҳои мақоми (ташкилоти) дахлдор оид ба арзёбии андозаи зарари ба молу мулки ҷабрдидагон расонидашуда истифода барад.

10.2.2. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

- ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт суғурташавандаро бо шарту талаботи шартномаи зикргардида шинос намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯро, ки аз ин шартнома бармеоянд, фаҳмонад;
- баъд аз бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ва пардохти мукофоти суғуртавӣ полиси суғуртавиро диҳад;
- ҳангоми аз тарафи суғурташаванда пешниҳод шудани ариза онро саривақт баррасӣ карда, дар давоми панҷ рӯзи корӣ ҷавоби хаттӣ диҳад;
- ҳангоми аз тарафи суғурташаванда барои пардохти суғуртавӣ пурра пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар давоми на зиёда аз як рӯзи корӣ аз рӯзи воридшавии ҳуҷҷатҳои мазкур ба шахси мурочиаткунанда бо нишон додани рӯйхати пурраи ҳуҷҷатҳо хабар диҳад;
- ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пардохти суғуртавиро бо тартиб ва мухлатҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт" муқаррар намудааст, амалӣ намояд;
- хароҷоти суғурташавандаро, ки бо мақсади пешгирӣ ва ё кам кардани ҳаҷми зарар ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба вуқӯъ омадааст, ҷуброн намояд;
- аз суғурташаванда барои гирифтани маблағи пардохти суғуртавӣ, ба истиснои ҳуҷҷатҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт" муқарраргардида, ҳуҷҷатҳои иловагиро талаб накунад.

10.3. Ҳуқуқҳои ҷабрдида

10.3.1. Ҷабрдида ҳуқуқ дорад:

- ба суғурташаванда ва суғуртакунанда дар бораи зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ӯ дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт расонидашуда хабар диҳад;
- ба суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои зарурииро барои гирифтани пардохти суғуртавӣ пешниҳод намояд;
- дар ҳолатҳои зарурӣ аз хизматрасонии мақоми (ташкилоти) дахлдор барои арзёбии андозаи зарари ба молу мулк расондашуда истифода барад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- бо натиҷаҳои арзёбии андозаи зарари расондашуда ва ҳисоби андозаи пардохти суғуртавӣ, ки аз тарафи суғуртакунанда амалӣ карда шудааст, шинос шавад;
- ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз суғуртакунанда пардохти суғуртавиро дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт" талаб намояд;
- аз хизматрасонии муассисаҳои тиббӣ истифода барад;
- ба соҳиби воситаи нақлиёт оид ба ҷуброни зарари расонидашуда нисбати он қисми маблағи зарари расонидашуда, ки аз андозаи пардохти суғуртавии амалигардида зиёд аст, талабот пешниҳод намояд ва дар сурати иҷро нагардидани талаботи пешниҳодшуда аз ҷониби соҳиби воситаи нақлиёт бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд муроҷиат кунад.

10.3.2. Ҳуқуқҳои ҷабрдида, ки дар банди 10.3.1. Қоидаи мазкур муқаррар карда шудаанд, дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт" ба шахсони дигаре, ки ба сифати фоидагиранда баромад мекунанд, мегузаранд.

## 11.МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

11.1. Аризаи суғурташаванда оиди пардохти суғуртавӣ ё ҷуброни зарар бинобар сабаби расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони дигар ҳангоми истифодабарии воситаи нақлиёт, бо замимаи ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қоидаҳои мазкур пешниҳод карда мешавад.

11.2. Андозаи зарарро Суғуртакунанда мустақилона бо иштироки Суғурташаванда ва шахси ҷабрдида ё ҷалби коршиносони соҳавӣ муайян менамояд.

11.3. Ҳаҷми зарар ва сабабҳои ба вуҷуд омадани он аз тарафи ташхисгарони Суғуртакунанда (дигар намояндагони ваколатдор) бо роҳи гузаронидани азназаргузаронии ВН вайроншуда дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки аз мақомотҳои салоҳиятдори давлатӣ дода шудаанд, муайян карда мешаванд. Ҳолатҳое истисно дониста мешаванд вақте, ки маълумотномаҳои аз мақомоти салоҳиятдори давлатӣ додашуда барои муайян намудани зарар хатмӣ набошанд.

11.4. Ҷуброни суғуртавӣ ба андозаи арзиши воқеии барқароркунии молу мулки зарардида пардохта мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.5. Ба арзиши воқеии барқароркунӣ молу мулки зарардида дохил мешаванд:

- арзиши қисмҳои эҳтиётие, ки ҳангоми таъмири ВН истифода бурда шудааст;
- арзиши маводи сарфашуда;
- арзиши иҷрои корҳои таъмирӣ.

11.6. Ҳангоми ба миён омадани шубҳа ё ба мувофиқа наомадан вобаста ба андоза зарар, тарафҳо метавонанд ҷиҳати муқаррар намудани ҳаҷми зарар барои гузаронидани экспертиза коршиносони мустақилро ҷалб намоянд.

11.8. Ҳаққи хизматрасонии коршиносони мустақил аз ҷониби тарафе, ки коршиноси мустақилро ҷиҳати муайян намудани ҳаҷми зарар ҷалб намудааст, пардохта мешавад.

## 12.ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

12.1. Маблағи пардохти суғуртавӣ (пардохти ҷуброни суғуртавӣ) вобаста ба зарар ва зиёни ба ҷабрдида расонидашуда тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт" дар доираи маблағи суғуратвӣ муайян карда мешавад.

12.2. Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро ба ҷабрдида (фоидагиранда) дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин амалӣ менамояд:

- полиси суғуртавӣ (нусхаи он);
- нусхаи маълумотномаи тасдиққунандаи ҳодисаи роҳу нақлиёт, ки аз тарафи бозрасии давлатии автомобилӣ дода шудааст;
- нусхаи шиносномаи суғурташаванда;
- ваколатномаи аз тарафи соҳиби воситаи нақлиёт додашуда;
- нусхаи шаҳодатномаи ронандагӣ;
- нусхаи шаҳодатномаи техникии воситаи нақлиёт;
- маълумотномаи муассисаи тиббӣ оид ба корношоямии муваққатӣ ё худ маълумотнома дар бораи муқаррар кардани гурӯҳи маъюбӣ дар ҳолати расондани зарар ба саломатии ҷабрдида;
- нусхаи шаҳодатномаи вафоти мусофир, пиёдагард ё шахси (шахсони) дигари ҷабрдида;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи андозаи зараре, ки ба молу мулки ҷабрдида расонда шудааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.3. Пардохти суғуртавӣ тибқи талаботи Қоидаи мазкур аз тарафи суғуртакунанда дар муддати панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ амалӣ карда мешавад.

12.4. Дар ҳолати фавти ҷабрдида ва дар асоси аризаи аз ҷониби фоидагиранда воридгардида дар бораи пардохти суғуртавӣ ва маълумотномаи муассисаи тиббӣ доир ба ҳодисаи мазкур, суғуртакунанда уҳдадор аст панҷоҳ фоизи маблағи пардохти суғуртавиро дар муҳлати як рӯзи корӣ пардохт намояд. Маблағи боқимондаи пардохти суғуртавӣ пас аз пешниҳод намудани шаҳодатномаи вафот дар муҳлати як рӯзи корӣ пардохт карда мешавад.

12.5. Дар ҳолати гирифтани маъюбӣ ё фавти зиёда аз як нафар дар натиҷаи як садамаи нақлиётӣ, пардохти суғуртавӣ дар доираи маблағи суғуртавӣ тариқи мутаносибан тақсим намудани он байни зарардидагон, пардохта мешавад.

12.6. Дар мавриди қисман пардохт намудани пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ, андозаи маблағи гирифташуда дар полиси суғурташаванда сабт гардида, нусхаи полис дар ҳуҷҷатҳои пардохтӣ замима карда мешавад.

12.7. Ташкилоти суғуртавӣ метавонад пардохти суғуртавиро ба суратҳисоби ҷабрдида ва ё фоидагиранда гузаронад.

12.8. Ташкилоти суғуртавӣ метавонад нақлиёти ҷабрдидаро дар нуқтаҳои хизматрасонии техникӣ (СТО) таъмир намояд.

## 13.ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғурта озод карда мешавад, агар ҳодисаи суғурта вобаста бо ҳолатҳои зерин фаро расида бошад:

- таъсири таркиши силоҳи ядроӣ, радиатсия ё заҳролудшавии радиоактивӣ;
- амалиётҳои ҷангӣ, инчунин ҷанги шаҳрвандӣ.

Суғуртакунанда зарар ва зиёни зеринро, ки аз ҳодисаи суғуртавӣ бармеоянд пардохт наменамояд:

- расонидани зарар ҳангоми истифодаи нақлиёти дар шартномаи суғурта пешбинишуда ҳангоми озмунҳо, озмоишҳо ё омӯзиши ронандагӣ дар ҷойҳои махсуси таъиншуда;
- расонидани зарар ба ронандаи воситаи нақлиёт, ки дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст;
- расонидани зарари маънавӣ;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- хароҷоти иловагӣ бо тағйир додан ва (ё) беҳтар кардани хусусиятҳои амволи вайроншуда (сохтмони иловагӣ, таҷҳизоти иловагӣ, навсозӣ, таҷдид ва ғайра);

- агар амали шартномаи суғурта то фаро расидани ҳодисаи суғурта, қатъ шуда бошад;

- агар шартномаи суғурта тибқи асосҳои пешбининамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дигар қонунҳо, аз ҷумла тибқи асосҳои дар моддаи 1040 Кодекси зикргардида қурб надошта бошад;

- агар суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта тибқи асосҳои зикрнамудаи моддаҳои 1047 - 1049 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шуда бошад;

- агар суғуртакунанда дар мавриди беэътибор донистани шартномаи суғурта тибқи асосҳои пешбининамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ё дар бораи бекор кардани шартнома дар натиҷаи он, ки суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) барои санҷиши ҳолати ҳодисаи суғурта ё муайян кардани андозаи зарари расонидашуда монеа шудааст, даъво пешниҳод карда бошад.

## 14. ҲУҚУҚИ ТАЛАБИ МУТАҚОБИЛА (РЕГРЕСС) НИСБАТ БА ШАХСЕ, КИ ЗАРАР РАСОНДААСТ

14.1. Суғуртакунандае, ки пардохти суғуртавиро ба ҷабрдида амалӣ намудааст, дар ҳолатҳои зерин ба андозаи маблағи пардохтгардида нисбат ба шахсе, ки зарар расондааст, ҳуқуқи талаби мутақобиларо (регрессро) дорад:

- ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии суғурташаванда дар натиҷаи амалҳои барқасдонаи ӯ, ки ба рух додани ҳодисаи суғуртавӣ равона гардидаанд, фаро расида бошад;

- ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии суғурташаванда ҳангоми идоракунии воситаи нақлиёт дар ҳолати мастӣ, бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда рух дода бошад;

- ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии суғурташаванда дар натиҷаи идоракунии воситаи нақлиёт бе доштани ҳуқуқи идораи воситаи нақлиёт фаро расида бошад;

- ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии суғурташаванда дар натиҷаи ғайб задани ронанда аз маҳалли рух додани ҳодиса фаро расида бошад;

- ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии суғурташаванда дар натиҷаи истифодабарии воситаи нақлиёт берун аз меъёри ғунҷоиши мусофиркашиву боркашонии он фаро расида бошад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION

- ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии суғурташаванда дар натиҷаи истифодабарии воситаи нақлиёт бе муоинаи ҳатмии давлатии техникии воситаи нақлиёт фаро расида бошад;
- ҳолатҳои дигаре, ки тарафҳо дар шартнома пешбинӣ кардаанд.

## 15. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

15.1. Баҳсҳо вобаста ба шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситахои наклиёт тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SU...